**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шаркӣ” барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.**

Зуҳур, ташаккул ва пешрафти фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик, ки ҳосили чараёни фикрии мураккаб ва асосу пояи фарҳанги тафаккури фалсафаи баъдинаи форсзабонон маҳсуб мегардад, ҳамчун ҳодисаи муҳимтарини таърихӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ дар низоми андешаи фалсафаи чаҳонӣ ва ҳаёти маънавии кишварҳои Шарки миёна ва наздик таъсири амиқе гузоштааст. Ҳикмати пурошӯби ин даврон натичаи чустучӯйи ақл ва тафаккуру чаҳонфаҳмии донишмандони бузурги минтақа дар шинохту маърифати оламу одам ва асрори зуҳуроти ҳастӣ, аслу чавҳар, сарнавишту вучуд, дарёфти шинохти мабдаи аввалини олами ҳастӣ мебошад. Бардоштани қадамҳо бо нури ақл ба қаламрави бепоёни ношинохти олами сағиру кабир дар идроки ҳақиқату моҳияти онҳо воқеаи бузурге дар шароити пуртаззоди асрҳои миёна маҳсуб меёфт. Ҳакимони мо ба хониши китоби бе оғозу анчоме даст зада, ғарқи муаммооти фалсафӣ гашта буданд ва дар торикиҳои он ҳайратзада, бо хиради азалии хеш дар чустучӯйи ҳақиқат карор доштанд. Дар байни садҳо чараёнҳои фикрии ин даврони пурмуаммои фарҳанги андешаи фалсафиву илмии форстаборон мактаби машшоияи шаркӣ мақоми арзанда дошта, ганчинаҳои хиракунандаи маънавиро пешорӯи на танҳо дӯстдорони ҳикмат, балки ҳакимону таҳқиқгарони башар густурдааст.

Мавзуи диссертатсионии «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шаркӣ»-и Ҳобил Зикирзода ба таҳқиқ ва омӯзиши мавзуи озодии ирода ва интихоби инсон дар низоми фалсафии машшоиёни шаркӣ амали тасодуфӣ набуда, аз ҳамрозу ҳамфикр будани вай бо таълимоти чонибдорони ин ҳавзаи фикрӣ ва фарҳангӣ дар масъалаи «чабр» ва «ихтиёр» дарак медиҳад. Зеро, воқеан ҳам мақулаҳои чабру ихтиёр ҳамчун маҳаки асосии масъалаи инсоншиносии ҳар як файласуф ва ё таълимоти фалсафии ин ё он мактаби фикрӣ маҳсуб ёфта, чун кутбнамои фалсафа ва андешаи онҳо дар шинохти моҳияти инсон ба шумор меравад. Аз нигоҳи мо чузъиёт ва умумияту моҳияти масъалаи чабру ихтиёр назди муҳаккик ҳангоме мусаллам хоҳад шуд, ки вай дар доираи пажӯҳишҳои мухталифи илмӣ доир ба паҳлӯҳои бунёдии табиати инсон аз нигоҳи илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ, баробарии (мизони) ҳудуди омилҳо, ангезаҳои ирода ва амалҳои инсон барои вай маъмулӣ бошад. Таҳлилҳои илмӣ бо сароҳат нишон медиҳанд, ки

муҳаққиқ бе мутолиа ва омӯзиши имконоти инсон аз нигоҳи илмҳои зикршуда, наметавонад доир ба «маҷбур» ва ё мухтор будани вай назари дуруст ва дақиқи илмӣ иброз намояд. Болотар аз ин печидагиҳои ин масъала хусусан дар таълимотҳои ҷомеаи асримиёнагӣ ва таҳти фарҳанги динҳои сомӣ қарор дошта, дар ҳолате имконпазир хоҳад шуд, ки Худо ва инсон ба унвони ду ҷавҳари ҷудогона ва дорои моҳияти зотан ғайри қобили ваҳдат (он яке ҳамчун «холиқ» ва дигаре «махлуқ» ва «обид» шинохта мешавад) ва дар асоси ин боварӣ ва ақида омили аслӣ ва асосии тамоми паҳлӯҳои масъалаҳои «иродӣ» ва «амалӣ»-и инсон, ки на аз моҳияти шахсии вай, балки аз иродаи Офаридгор дониста шудааст, хеле мушкил хоҳад буд.[1]

Сарфи назар аз ин ва дигар мушкилиҳои таҳқиқотӣ, ба андешаи мо, **саҳми шахсии диссертант** дар он аст, ки муаллифи рисола бар асоси талошҳои шахсии худ муваффақ шудааст, манобеи гуногуни фаровон дастрас намуда, бо истифода аз осору таълифоти пайравони мактаби машшоия ва сарчашмаҳои аслии асримиёнагӣ, китобҳову мақолаҳои муҳаққиқони Шарқу Ғарб, ки миқдори онҳо то имрӯз ба ҳазорҳо мерасад, тавонистааст андешаву назарияҳои ҷонибдорони ин мактабро дар доираи низоми фалсафӣ муайян созад ва онҳоро таҳти омӯзиши илмӣ-интиқодӣ қарор диҳад. Нигорандаи диссертатсия ба манзури муайян сохтани таҳаввули диди фалсафии мутафаккирони ин ҷараён ва рушду такомули он сайри таърихӣ намуда, бо далелҳои таърихӣ, илмӣ ва фалсафӣ назариёти худро пешкаш сохтааст.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бидуни шакку тардид Ҳобил Зикирзода дар кори худ ба масъалае рӯй овардааст, ки барои замони муосири технократӣ ва раванди ҷаҳонишавии пуртазод хеле рӯзмарра буда, новобаста аз давру замон ва низоми сиёсӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти маънавии ҷомеа, аз он ҷумла иҷтимоӣ, ахлоқӣ, адабӣ, фарҳангӣ, динӣ ва хоссатан фалсафии он дар ин ё он шакл зуҳур менамояд. Ин масъала тавассути муаллиф дар доираи «ченаки диахронӣ» ба самтҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии масъала рӯй оварда, аз тариқи усулу методи герменевтикӣ хонандаро ба фалсафаи таърихи он ва муҳтавои матнҳои классикии мутафаккирони машшоия доир ба «ҷабр ва ихтиёр» баҳси илмии интиқодӣ ва нигоҳи олимона мекунад.

Аз муҳтавои диссертатсияи мазкур чунин бармеояд, ки пайравони шарқии Арасту ва дастгоҳи фикриву андешаи онҳо бояд дар масъалаи ҷабру ихтиёр дар фарорӯи ҷомеаи имрӯзаи тоҷикон кушода гарданд, зеро пайванди дониш ва маънавиёт чӣ дар масъалаи табобату пизишкӣ, кайҳону маъданшиносӣ ва чӣ таълиму тарбия ва фалсафаву ахлоқ раҳҷӯёнро ба

[1] Ниг.: Сайид Нурулҳақ Ковиш. Инсоншинохти Бедил. - Олмон: Aida orienm boors. Баҳмани 1391. С.904-906.

бозхонии ҳикмати пурасрори онҳо даъват месозад. Таълимоти ин мактаб агар аз як сӯ роҳи наве барои оштӣ ва пайванди дастовардҳои амалӣ ва дидгоҳҳои мухталиф кушояд, аз сӯи дигар моҳияти меҳварии фарҳангу ҳикмат ва ахлоқро боз мекунад. Ақли ноби пайравони он ҷомеаи имрӯзаи тоҷикро метавонад ба дастархони густурдаи худ фарохонда, чароғи роҳнамои вай бошад, зеро агар бодиққат ба таърихи илм ва ақлгароӣ дар Шарқи наздик ва миёна нигарем, дурахши тамаддуни даврони «Эҳёи Шарқ»-ро дар паи роҳкушоиҳои мутафаккирони машшоия хоҳем дид.

Бо дарки моҳияти ин масъала Ҳобил Зикирзода аз худ пурсидааст, ки оё мо меросбарони шоистае барои он донишварони машшой, ки қисмати аъзами онҳо аз табори эронӣ буданд, шуда метавонем? Бидуни шакку тардид, ҷавоби ин пурсиш манфӣ хоҳад буд ва зарурат ба бурҳону далел надорад, зеро қисмати бузурги осори онҳо ҳанӯз ба нашр нарасида, ниёз ба омӯзиши илмӣ ва интиқодӣ доранд. Мутаассифона, то ба ҳол на осори арабии онҳоро ба тоҷикӣ тарҷума кардаем ва на таҳқиқоти шоистае пешкаш кардаем, ки муҳаққиқони хориҷ аз онҳо ҳамчун манбаи боэътимод ва таҳқиқоти бунёдӣ истифода бурда бошанд.

Диссертант гаштаву баргашта таъкид сохтааст, ки инсон ҳамеша дар амалу рафтору гуфтори хеш байни озодии интихоб (ихтиёр) ва сабабият (ҷабр) қарор дорад. Дар улуми инсоншиносӣ хосатан масъалаи дугонаи озодӣ ва сабабият марбут ба амали инсон нишон дода шуда, чи тавре таъкид сохтем, тайи садсолаҳо яке аз проблемаҳои меҳварӣ маҳсуб мегашт. Лекин новобаста ба ин, мазмуну моҳияти ин мафҳумҳо дар осори динӣ ва фалсафӣ ба тадриҷ тағйир ёфтанд. Зери таъсири ҳамин гуна моҷароҳои фалсафӣ дар осори мутафаккирони асримиёнагӣ, аз он ҷумла калом, муътазила, "Ихвон-ус-сафо", ирфон, тасаввуф, суҳравардия, машшоия ва ғайра назарияҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки ҷабр ва маҷбурияти инсон дар ҳама фаъолиятҳои вай зери таъсири ҳамон осору ақида ва истилоҳоти юнонӣ вонамуд гардидаанд.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия аз нигоҳи таърихӣ намунаи аввалини масъалаи сабабият ва тасавуроти инсон доир ба тақдир, сарнавишт, қисмат ва қазову қадар мутаносибан дар фалсафа ва илоҳиётшиносӣ дар робита ба масъалаи ирода (озодии ирода) ва ихтиёр (озодии интихоб) зуҳур намуд. Воқеан ҳам аз як тараф тасаввуроти мавҷуда доир ба қазову қадар барои инсон ҷойро барои озодии фардӣ намегузошт, аз тарафи дигар бошад, қазияи «шабоҳати инсон ба Худо» (ба сурати Худо офаридани инсон) эҳтимолияти таъсир гузоштани инсонро ба қисмати худ ба вуҷуд оварда буд. Фарзияи дуввумӣ, на танҳо дар кишварҳои ғарбии даврони «Эҳё», балки дар кишварҳои Шарқи миёна ва наздики асрҳои мутаввасита аз ҷониби мутафаккирони озодандеш низ дастгирӣ ёфта буданд.

Воқеан ҳам масъалаи сабабият ва дар иртибот ба он масъалаи ҷабру ихтиёр ба маҳаки асосии баҳсу мунозираҳои фалсафии мактабу мутафаккирони алоҳида табдил ёфта буданд, зеро ин масъалаҳое ба шумор мерафтанд, ки то появу асоси зуҳури динро дар бар гирифта, саъю талошҳои мутафаккирон дар ҳалли ин масъалаи бунёдӣ дар маҷмуъ бояд тамоюлоти асосии рушду инкишофи тафаккури фалсафии асримиёнагии форсу тоҷикро муайян месохт. Алтернативаи асосие, ки дар ин давра зуҳур намуда, бо суръати баланд инкишоф меёфт ин илоҳиётшиносӣ буд, ки кӯшиш мекард масъалаи озодии инсон ва такомули онро дарк намуда, дар муқобили андешаҳои фалсафӣ мақому манзалати худро таҳким бахшад.

Агар масъалаи озодӣ ва ихтиёр дар доираи баҳсҳои ҷабария ва қадария дар шакли хеле маҳдуд, яъне адли илоҳӣ ва қудрати он сурат мегирифт, дар баҳсҳои мутакаллимон ва аҳли муътазила бошад, масъалаи мазкур мавзуи асосии таълимот дар иртибот ва масъалаи табиати инсон ва хислатҳои вай мегардад. Мавзуи ҷабру ихтиёр хоссатан аз ҷониби қадария мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта буд. Мафҳуми меҳварии онҳо аз он иборат буд, ки Худо ба зоти худ «Одил» аст ва аз ҷониби вай анҷом гирифтани амалҳои ношоям ғайриимкон аст. Он амалҳои баде, ки аз ҷониби инсонҳо сурат мегиранд, зуҳури амри Худо нестанд. Аз ҷониби дигар тасаввурнопазир аст, ки Худо бо тақдир (қадара) кардани амалҳои инсонҳо, боз онҳоро ба ҷазо гирифтор кунад.

Далели ба дарозо кашида шудани масъалаи мазкур, аз як тараф омилҳои мухолифатзойи дохили мазҳабӣ ва фирқаву ҷараёнҳои фалсафӣ гардида, аз ҷониби дигар бахусус аз ҷониби мутакаллимони ҷабрнигор дар доираи фармоишоти оинӣ (динӣ) озодии инсонро (хешкорӣ) аз эътибор холӣ медонистанд. Билохира онҳо ба ҳеҷ натиҷае даст намеёфтанд ё ба натиҷаҳои ғалат ва нодуруст мерасиданд. Аҳли калом ба дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ боэътиноӣ зоҳир мекарданд. Дар ҳоле ки аз нигоҳи илмӣ пеш аз он ки дар бораи ҷабру ихтиёри инсон баҳс кунем, бояд аз як тараф ба ҷои такя ба масъалаҳои таҳқиқнашуда аз имконот ва ҳудуди маърифати доноӣ ва тавоноии нисбии инсон бар бунёди додаҳои илмҳои табиӣ ва гуманитарӣ огоҳ бошем ва аз тарафи дигар аз ҷабру ихтиёр таърифи мантиқӣ дошта бошем.

Ҳамин буд, ки ба қавли муаллифи диссертатсия масъалаҳои зикршуда ба тадриҷ хусусияти иҷтимоии касб намуда, ба зудӣ аз доираи антропоморфизми Қуръон ва суннат берун баромаданд ва дар иртибот ба буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар хилофати араб ва пешрафти илмҳои мухталиф дар ин самт саволҳои наве пайдо шуданд. Масъалаи асосии дар ин самт аз он иборат буд, ки мутафаккироне пайдо шуданд, ки кӯшиш

мекарданд масъалаҳои мазкурро дар иртибот ба имконоти маърифатии инсон, яъне асосҳои гносеологии онҳо мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Ин ҳолати мавҷуда ба он иртибот дошт, ки иллоҳиётшиносӣ ва фиқҳ, ки ба онҳо ҳаёти маънавии ҷомеа такя мекард, ба бисёр масъалаҳо ҷавоби мушаххас ва равшан дода наметавонистанд.

Ҳобил Зикирзода таъкид месозад, ки дар ҷомеа андешаҳое пайдо шуданд, ки мувофиқи онҳо иллоҳиётшиносӣ ва фиқҳ ҳамчун дониш пурра қабул карда намешуд, зеро зарурат ба донишҳои илмӣ, ки ба назарияи маърифат такя мекарданд, хеле зиёд гардида буд. Бешубҳа самтҳои ахлоқии ин масъалаҳо нақши хеле муҳим доштанд, вале ин маънои ба танзими ҷиддӣ даровардани амалу рафтори инсонҳо мутобиқ ба «китобҳои муқаддас» ва урфу одат ва суннатҳои динӣ набуд, балки лоиҳа ва барномаи фаъолияти одамон ба ҷомеа буд, ки барои таҳияи он мактабу ҷараёнҳои динӣ ва фалсафӣ машғул буданд. Хусусияту моҳияти ин барномаҳо қабл аз ҳама марбут ба масъалаҳо ва вазифаҳои сиёсис маҳсуб мегаштанд, ки онҳо дар назди худ гузошта буданд.

Ба ҳамин тариқ, Ҳобил Зикирзода ба хулоса меояд, ки моҳияти таълимоти машшоиёни шарқӣ дар масъалаҳои сабабият, ҷабру ихтиёр ва камолоти ахлоқи инсон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба қудрат ва тавоноии ақли инсон ва назарияи дар робитаи кавӣ қарор дошта ба он, яъне сабабият (детерменизм) боварии калон доштанд. Онҳо дар ҷустуҷӯйи ваҳдат ва ягонагии табиии кулли ашё ва амалҳои инсонӣ қарор гирифта, барои шарҳи моҳияти онҳо аз мафҳумҳои фалсафии «сабаб» ва «натиҷа», ки имконоти мудохилаи қудрати фавқуттабииро рад месохт, истифода мебурданд. Бесабаб набуд, ки қисмати аъзами ҷараёнҳои фикрӣ, фалсафию динӣ, хоссатан намояндагони мактаби каломии ашъария, ин таълимоти машшоиёнро бебунёд медонистанд ва зарурати робитаи сабабиятро (каузалӣ)-ро инкор месохтанд. Яъне ба қавли онҳо робитаи байни он чизе, ки онро маъмулан «сабаб» меноманд ва он амалеро, ки «мусабаб» (натиҷа) медонанд «зарурӣ» шуда наметавонад.

Қобил ба зикр аст, ки аз аввалҳои асри XX шуруъ карда, хоссатан равоншиносони амрикоӣ ва аврупоӣ нисбатан ба файласуфон ба ин масъала диққати калон зоҳир карданд. Агар файласуфони асрҳои пешин дар омӯзиши масъалаи мазкур ба ҷанбаҳои ахлоқӣ ва гносеологӣ, инчунин мантиқи озодӣ ва ирода таваҷҷуҳ мекарданд, равоншиносон бошанд ба самти дигари масъала, яъне сабаби аз ҳам ҷудо шудани ҳудудҳои масъалаи ирода (ихтиёр), ки мутобиқи он ихтиёри инсон ҳамчун амали бошууронаи вай мебошад, масъалаи фалсафии ҷабру ихтиёр ба гушаи фаромӯшӣ бурд.

Вале дар маҷмуъ метавон таъкид сохт, ки новобаста ба донишҳо ва

бахшҳои гуногун тақсим шудани масъалаи интихоб ва озодии ирода, майдони илмии таҳлили он ҳамеша фалсафа буд ва фалсафа хоҳад монд ва шуҷоати илмии Ҳобил Зикирзода низ дар ҳамин зоҳир гаштааст, ки вай онро ҳамчун масъалаи бунёдии фалсафаи инсоншиносӣ мавриди омӯзиши интиқодӣ қарор додааст. Бо назардошти чунин тарзи масъалагузорӣ ва дифоъ аз мавқеи фалсафа саволҳои дигаре пайдо мешаванд, ки интихобу ихтиёр чист ва онҳо чӣ мақоме дар фалсафа доранд? Дар низоми фалсафа мантиқ ва озодӣ чӣ гуна робита ва мавқеъ дорад? Дар ҳолати ғайримаъмурӣ инсон вазифаи аввалиндараҷаи худро аз он иборат медонад, ки чи гуна роҳи дуруст ва арзандаро интихоб намояд, вале мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо чунин интихоби ахлоқӣ ба интихоби зоҳирӣ бурда, дар амал татбиқи он ба мунофиқӣ, мансабпарастӣ, манфиатҷӯӣ, ҳавою ҳавас дар вуҷуди инсон хоҳад бурд. Бешубҳа, чунин интихоб ҳангоми қадами аввалин гузоштан сар мезанад ва ҳамеша такрор кардани он дар ҳолатҳои мухталиф аз ҷониби инсон хеле муҳим аст, то ин, ки вай фирефтаи ҳавою ҳавас нагардад.

Диссертант зикр сохтааст, ки дар чаҳорчӯбаи талаботи идеалии ахлоқ, интихоб хеле мушкил аст, зеро дар бисёр ҳолатҳо дар пешорӯи инсон дар доираи «бадии камтар» интихоб кардан лозим мегардад. Чунин ҳолатҳо аз ҷониби инсон ҳамчун фоҷеаи ахлоқӣ пазируфта мешавад. Дар ҳолати зарурӣ инсон дар байни некиҳои хурду бузург ҳамеша нектаранро интихоб мекунад, вале аз нигоҳи психология дар ҳолати интихоби «бадии хурд ё калон» вай ҳамеша бадро интихоб хоҳад кард. Оқибатҳои чунин интихоб аз байни ду «бадӣ» хоҳу нохоҳ интихоб гардидани бадӣ ҳам барои атрофиён ва ҳам барои худи инсон тасаввурнопазир хоҳад буд. Барои чунин интихоб таҷрибаи кофӣ хеле зарур аст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки диссертатсияи Ҳобил Зикирзода дорои **навовариҳои илмӣ буда**, дар ҳаёти илмӣ ва фарҳангии кишвар падидаи нав ба шумор меравад ва ҳар як хонанда метавонад дар доираи ҷаҳонбинии худ маълумоти зиёди муфидро аз он ба даст орад.

**Маводи дохили рисолаи диссертатсионӣ** ба мавзуи рисола мутобиқати комил дошта, ба таври мантиқӣ баён гардидааст ва маводи таҳқиқоти илмӣ ба таври амиқ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамаи натиҷаҳо хулосагирӣ шуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои асосию муҳим пешниҳод гардидаанд, ки онҳо дорои аҳамияти илмию амалиро соҳиб мебошанд.

Автореферат, корҳои илмӣ ва мақолаҳое, ки дар робита бо мавзуи таҳқиқотӣ ба нашр расидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд. Муаллиф аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти хосае барои

гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро зоҳир намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ” ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ, Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияи ҳимояшуда”, ки аз 30 июни соли 2021, №267 зикр гардидааст, ҷавобгӯй мебошад ва мазмуну муҳтавои он ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқ мебошад.

Профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва
гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе,
доктори илмҳои фалсафа, профессор А.А. Шамолов

Имзои профессор А.А. Шамоловро тасдиқ мекунам:
Сардори ШСК ва КМ филиали ДДМ
ба номи М.В. Ломоносов
дар ш. Душанбе С. Пирназаров

Суроға: ш. Душанбе, к. Бохтар 35/1

06. 09. 2023